ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қосимов Қурбонали Абдусамадович дар мавзуи "Муътазила ва фалсафаи ақлгароии он (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа пешкаш шудааст.

Рисолаи илмии Қ.А. Қосимов ба яке аз мавзуъҳои дар сатҳи ниҳоят кам таҳқиқшудаи таърихи фалсафаи исломӣ бахшида шудааст. Боиси тазаккур аст, ки сарфи назар аз фаровонии осори бахшида ба таърихи пайдоиш ва рушди тафаккури фалсафӣ дар таърихи тоҷикон, ки муътазилиён низ аз намояндагони қадимии онҳо буданд, таҳқиқоти муназзаме, ки ҷанбаҳои гуногуни раванди ташаккул ва таҳаввули фалсафаи ин ҷараёни фикриро дар бар гирад, то ҳол таҳқиқотии илмии ватанӣ ва хориҷа анҷом дода нашудааст. Ин бештар ба он сабаб аст, ки фаҳмиши дурусти ин масъала танҳо дар сурати равиши байнисоҳавӣ имконпазир аст ва имкон медиҳад, ки дар таҳқиқот усулҳои таърихи фалсафа, таърихи илм ва таърихи мафҳумҳо ва истилоҳшиносӣ ба таври муассир муттаҳид карда шаванд. Дар баробари ин рисола аз он ҷихат аҳамияти махсус пайдо мекунад, ки он ба проблемаи таносуби байни дин ва дунё ва таъбири он дар осори мутафаккирони асримиёнагӣ мутамарказ аст, ки дар самтҳои гуногуни тафаккури тоҷикони муосир муассир аст. Аз ин рӯ, мавзӯи интихобшуда на танҳо барои равшан кардани замина, пайдоиш ва рушди афкори фалсафӣ ва на танҳо барои фаҳмидани равандҳои умумии тағйирёбии ақлгароии тоҷикон дар давраи муосир, балки барои бознигарии таърихӣ ва асоснок кардани проблемаҳои асосии инсоншиносӣ муҳим ба шумор меравад.

Фишурдаи диссертатсияи Қ.А. Қосимов, ки аз автореферат бармеояд, аз муқаддима, ду боб (бо шумули шаш зербоб), хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳо, объект ва предмет, методологияи таҳқиқот, навгониҳо, нуқтаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ асоснокшуда, инчунин баррасии ҳамаҷонибаи сарчашмаҳо ва адабиёт, ки комилан мувофиқи вазифаҳои таҳияшудаи тадқиқот сохта шудаанд, оварда шудааст.

Автореферати Қ.А. Қосимов дар сатҳи баланди назариявӣ ва методологӣ таҳия гардида, аз қобилиятнокии таҳқиқотии муаллифи

диссертатсия шаҳодат медиҳад. Кори таҳқиқотӣ заминаи устувори омӯзиши сарчашмаҳо дорад, муаллиф доираи васеи матнҳои муътазиларо мавриди омӯзиш қарор додааст ва ин нишон медиҳад, ки ӯ дониши хуби таҳлили маводи ибтидоӣ, дониши васеи таърихӣ ва фалсафӣ, дониши муфассали контекстҳои мубоҳисавӣ, ки мавқеъҳои муайяни пайравони муътазила бо онҳо иртибот доранд ва аз таҳқиқоти ватанӣ ва хориҷии вобаста ба муътазила огоҳӣ дорад. Муаллифи диссертатсия мавқеи худро дар масъалаҳои мухталифи баҳсбарангези марбут ба тафсир ва арзёбии таълимоти динию фалсафӣ дар мисоли ал-усул ул-хамса (панҷ усул) ва таълимоти табиатшиносии пайравони ин ҷараёни фалсафӣ ба таври возеҳ баён ва пайваста ҳимоя мекунад ва дар ҳолатҳои алоҳида бо муҳаққиқони рус ва хориҷӣ ба баҳсҳои асоснок ворид мешавад. Дар байни бартариҳои бешубҳаи диссертатсия ҷустуҷӯ пай дар пай аз нав сохтани якпорчагии фалсафаи муътазила дар ягонагии қисмҳои динию фалсафӣ, ки ба фалсафаи классикии исломӣ хос аст, ҷудо мешаванд.

Хулоса, гуфтан мумкин аст, ки автореферати Қ.А. Қосимов кори таҳқиқотии том ва анҷомёфтаи мавзӯи матраҳшуда мебошад. Натиҷаҳои нави илмие, ки ӯ дар диссертатсияи номзадӣ ба даст овардааст, барои таърихи фалсафа аҳамияти хоса доранд. Асолати муқаррароти асосии диссертатсия бо тамоми рафти таҳқиқот тасдиқ карда мешавад; дар матни диссертатсия асосноккунии муфассал ва пурмазмун мушоҳида мешавад.

Бо ин ҳама, диссертатсия аз камбудиҳо холӣ нест ва ба он баъзе эродҳоро додан мумкин аст: 1) Дар диссертатсия муқоисаи ақлгароии муътазила бо ақлгароии мактабҳои фикрии дигари ислом, масалан, бо машшоия кам ба назар мерасад; 2) Дар рисола на аз ҳамаи пайравони муътазила иқтибосҳо оварда шуда, мавриди таҳлилу муқоиса қарор нагирифтаанд.

Аммо ҳамаи эродҳои дар боло овардашуда характери бунёдӣ надоранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба бартариҳои раднашавандаи диссертатсия халал намерасонанд, балки онҳоро ҳамчун тавсияҳое ҳисоб кард, ки барои беҳтар шудани сифати таҳқиқоти эҳтимолии минбаъда кӯмак хоҳанд расонд.

Автореферати рисолаи Қ.А. Қосимов дар мавзуи “Муътазила ва фалсафаи ақлгароии он (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)” аз нигоҳи ҳаҷм, мазмуну муҳтаво, аҳамияти назариявию амалӣ ва навоварии он ба тамоми талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ”, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа сазовор аст.

Мудири кафедраи психология ва
сотсиологияи идоракунии Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои фалсафа Абилзода
Гуландом Сардор

Сана: 09.11.2023

734025, ш. Душанбе, куч. Саид Носир 33
abilova.78@mail.ru
(992)918790887

Имзои Г.С. Абилзодаро
«тасдиқ мекунам».

Сардори Раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ҳомидов Ш.